# ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 3 июни соли 2025, №66**

Барои сазовор донистани Носиров Саъдулло Шукулоевич шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи “Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон” аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя 27 феврали соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №32-ИҲ-и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Носиров Саъдулло Шукулоевич 20.03.1965 таваллуд шуда, соли 1986 Донишкадаи педагогии забон ва адабиёти руси Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода)-ро бо ихтисоси муаллими забон ва адабиёти рус (диплом МВ-Т №052418) хатм намудааст.

Носиров Саъдулло Шукулоевич соли 2006 рисолаи номзадиашро дар мавзуи “Тарбияи шаҳрвандии хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳои ҳуқуқи инсон” дар шурои диссертатсионии Институти илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон ҳимоя кардааст.

Носиров Саъдулло Шукулоевич *солҳои 1986-1993* омӯзгори мактаби миёнаи №96-и ноҳияи Ҳисор, *солҳои 1993-1998* муовини директор оид ба корҳои таълиму тарбияи мактаби миёнаи №96-и ноҳияи Ҳисор, *солҳои 1998-2000* директори мактаби миёнаи №96-и ноҳияи Ҳисор, *солҳои 2000-2001* мудири шуъбаи маркетинги Маркази таълимии «Садр», *солҳои 2001-2003* директори Маркази таълимии «Садр», *солҳои 2003-2004* директори генералии Корхонаи фаръии корпоратсияи «Садр инк.» (ИМА) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, *солҳои 2004-2005* корманд оид ба муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии Тоҷикистон, *солҳои 2005-*

*2006* котиби Шурои директорони Донишгоҳи байналмилалии Тоҷикистон, ходими илмии сектори фанҳои ҷамъиятии Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллими калони департаменти илмҳои педагогии Донишгоҳи гуманитарии Тоҷикистон, *солҳои 2006-2007* директори генералии Корхонаи фаръии корпоратсияи «Садр инк.» (ИМА) дар ҶТ, *солҳои 2007-2009* муовини декани факултети дипломатия ва журналистикаи Донишгоҳи гуманитарии Тоҷикистон, декани факултети муносибатҳои байналмилалии Донишкадаи технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионии Тоҷикистон, *солҳои 2009-2010* Проректори аввал оид ба корҳои таълими Донишкадаи технологияҳои инноватсионӣ ва коммуникатсионии Тоҷикистон, дотсенти кафедраи ҷомеашиносӣ, докторанти Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, *солҳои 2010-2012* мудири шуъбаи тарбияи Донишкадаи молияи Тоҷикистон, мудири шуъбаи илм ва равобити байналмилалии Донишкадаи молияи Тоҷикистон, дотсенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва педагогика, *солҳои 2012-2022* сардори шуъбаи табъу нашри Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, *солҳои 2022-2023* сармутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ, *солҳои 2023-2024* мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва аз соли 2024 инҷониб сармутахассиси шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва ҳамзамон, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ фаъолияти меҳнатӣ дорад.

Носиров Саъдулло Шукулоевич *солҳои 2011-2024* ҳамчун унвонҷӯ-докторанти шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Кори диссертатсионии Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи "Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон" дар Шурои олимони Пажуҳишгоҳи илмҳои педагогии Академияи илмҳои педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 августи соли 2008, №7 тасдиқ шудааст.

Мушовири илмӣ: Гулмадов Файз – доктори илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи педагогика ва таҳсилоти муосири Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Холназаров Санг – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

Сабурӣ Хайрулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

Мухаметов Гапур Бобоевич – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони русӣ барои факултетҳои ғайрифилологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, аз 25 апрели соли 2025, протоколи №09/01, ки онро раиси ҷаласа, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Назаров Ҳ.С., эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи биология ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирзоев С.С., котиби илмии ҷаласа, саромӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Лоиқов П.Ҷ. имзо намуда, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рафиев С.А. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат додааст. Аз он ҷумла, иброз кардааст, ки диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи "Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст, дорои аҳаммияти назариявӣ буда, он дар таҳлили асосҳои назариявию методологӣ, илмию педагогӣ ва дидактикии анҷомдода ифода меёбад. Дар ин зимн, модел (амсила)-и консептуалӣ, ки ба татбиқи ташаккули маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ мусоидат мекунад, таҳия гардидааст.

Бо назардошти вижагиҳои вазифаҳои таълим дар шароити муосир, пешрафти илму техника ва инноватсияи педагогӣ зарурати таҷдиди

мақсад, мазмуну методҳои таълим ба миён омада, мубрамии мавзуъ ва муҳиммияти хосро касб намудани ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагон дар низоми таҳсилот муайян карда шудааст.

Арзиши амалии таҳқиқот дар он ифода меёбанд, ки натиҷаҳои онро метавон дар таълифи китобҳои дарсию васоити таълимӣ, дастурҳои илмию методӣ ва ғайра оид ба ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагони тамоми зинаҳои таҳсилот истифода бурд. Ҳамзамон, таҳқиқоти баанҷомрасида дар ғанигардонии мазмуну мундариҷаи илми педагогикаи ватанӣ нақши муассир дошта метавонад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва тавсияҳои илмию методиро барои донишомӯзии хонандагону донишҷӯёни тамоми зинаҳои таҳсилот, инчунин барои омодасозии кадрҳои илмию омӯзгорӣ, магистрантон, унвонҷӯёну докторантон, муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф васеъ истифода бурдан мумкин аст.

Умуман, таҳлили муҳтавои диссертатсияи Носиров С.Ш. сатҳи баланди илмиро дар инъикоси масъалаҳо, робитаи мантиқии бобҳо ва зербобҳои он нишон дода, хулосаву тавсияҳои илмӣ зикр шудаанд.

Ҳамзамон, қайд гардид, ки Носиров Саъдулло Шукулоевич довталаби дараҷаи илмӣ 64 интишороти илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тавсияшуда ба табъ расонидааст, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М]. Носиров, С.Ш. Яке аз омилҳои муҳимми ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон [Матн] / С.Ш. Носиров //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. –Душанбе. – 2010. - №1-2. – С.63 - 72. ISSN 2222-9809.

[2-М]. Носиров, С.Ш. К постановке проблемы формирования обобщённых знаний в процессе обучения [Текст] / С.Ш. Носиров // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе. – 2010. - № 2. – С. 219 – 223. ISSN 2074-1847.

[3-М]. Носиров, С.Ш. Планирование, содержание и методика занятий по формированию интеллектуальных знаний обучаемых [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Университета (РТСУ). – Душанбе. – 2010. - №4(30). – С. 223-230. ISSN 2077-8325.

[4-М]. Носиров, С.Ш. Особенности усвоения научных законов при формировании интеллектуальных знаний [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. – 2011. - №6 (70). - С.377-381. ISSN 2074-1847.

[5-М]. Носиров, С.Ш. Роҳҳои самаранок сохтани субъекти ҷараёни таълим чун воситаи дидактикии ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон [Матн] / С.Ш. Носиров //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2011. - №3 (39). - С. 268-274. ISSN 2219-5408.

[6-М]. Носиров, С.Ш. Особенности усвоения общих и конкретных понятий при формировании интеллектуальных знаний [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Московского государственного гуманитарного университета им. М.А. Шолохова. Серия «Педагогика и психология». - 2011. - №3. - С. 21-28. ISSN 1992-6391.

[7-М]. Носиров, С.Ш. Проблема формирования интеллектуальных знаний в практике обучения [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Российско-таджикского (славянский) университета (РТСУ). - 2011. - №2 (32). - С. 227-235. ISSN 2077-8325.

[8-М]. Носиров, С.Ш. Дидактические условия формирования интеллектуальных знаний [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. - 2011. - №7 (71). - С. 392-396. ISSN 2074-1847.

[9-М]. Носиров, С.Ш. Формирование познавательной активности учащихся в процессе освоения новых знаний, умений и навыков [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. - 2013. - №3/4 (115). - С. 208-214. ISSN 2074-1847.

[10-М]. Носиров, С.Ш. Пути решения проблемы формирования интеллектуальных знаний, умений и навыков у обучаемых в современных условиях [Текст] / С.Ш. Носиров // Вестник Педагогического университета. - 2013. - №4 (53). - С.-52-58. ISSN 2219-5408.

[11-М]. Носиров, С.Ш. Педагогические методы формирования интеллектуальных знаний, умений и навыков обучаемых [Текст] / С.Ш. Носиров // Вестник Педагогического университета. - 2014. - №6 (61) – С. 189-196. ISSN 2219-5408.

[12-М]. Носиров, С.Ш. Риояи принсипҳои дидактикии таълим – омили ташаккули донишҳои зеҳнии донишҷӯён [Матн] / С.Ш. Носиров //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2015. - №3/3 (166). – С. 241-245. ISSN 2074-1847.

[13-М]. Носиров, С.Ш. Соотношение обучения и потенциальных возможностей формирования у обучаемых интеллектуальных знаний, умений и навыков в процессе обучения [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Педагогического университета. – 2015. - №4 (65). -С.19-23. ISSN 2219-5408

[14-М]. Носиров, С.Ш. Состояние и уровень знаний, умений и навыков обучаемых в практике обучения [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. - 2016. - №3/4 (205). - С.148-152. ISSN 2074-1847.

[15-М]. Носиров, С.Ш. Содержание и сущность межпредметных связей по формированию интеллектуальных знаний обучаемых [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. – 2018. - №4. - С. 199-204. ISSN 2074-1847.

[16-М]. Носиров, С.Ш. Поиск и выявление потенциальных возможностей у обучаемых по формированию интеллектуальных знаний, умений и навыков [Текст] / С.Ш. Носиров //Вестник Таджикского национального университета. – 2019. - №4. – С.186-192. ISSN 2074-1847.

[17-М]. Носиров, С.Ш. Баъзе ҷанбаҳои ишкишофи зеҳнӣ ва нақши онҳо дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳои хонандагон [Матн] / С.Ш. Носиров// Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2020. - №4 (37). -С. 57- 64. ISSN 2222-9809.

[18-М] Носиров, С.Ш. Афзалиятнокии таълим дар ташаккули донишҳои зеҳнӣ, маҳорат ва малакаҳои хонандагон: назария ва амалия [Матн] / С.Ш. Носиров // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2021. -№4 (41). -С. 51-61. ISSN 2222-9809.

[19-М]. Носиров, С.Ш. Асосҳои назариявии ташаккули мафҳумҳои илмӣ ва донишҳои таҷрибаи ҳаётии хонандагони синфҳои болоӣ [Матн] / С.Ш. Носиров, Ф. Гулмадов //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – 2023. -№1 (46). – С. 141-147. ISSN 2222-9809.

[20-М]. Носиров, С.Ш. Фаъолияти мустақилонаи татбиқи салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ [Матн] / С.Ш. Носиров // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. – 2023, №3 (43) – С. 288-292. ISSN 2617-5320.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми баёншуда диссертатсия аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест, чунончи:

1. Дар боби 1, зербоби дуюми диссертатсия муҳаққиқ оид ба муносибати хонандагони синфҳои болоӣ ба таълим андеша ронда, дар ҷадвали 1 муҳиммияту аҳамиятнокии фанни таълимиро муайян намудааст. Хуб мешуд, агар муносибатҳои хонандагони синфҳои озмоиширо бо синфҳои назоратӣ нисбат ба фанҳои таълимӣ қиёсан таҳлил ва натиҷагирӣ мекард.

2. Яке аз корҳои муваффақи диссертант ин аст, ки ӯ зербоби дуюми боби 3-и диссертатсияро маҳз ба хусусиятҳои омӯзиши мафҳумҳои илмӣ, донишҳои таҷрибаи ҳаётӣ ва шароити педагогии татбиқи онҳо дар

раванди таълим бахшидааст. Аммо назару ақидаҳои илмии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ кам оварда шуда, шароиту талаботи асосии азхудкунии босамари мафҳумҳо нишон дода нашудааст.

3. Ба пиндори диссертант, нақши робитаи байнифаннӣ дар мураттабсозии дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнӣ зимни омӯзиши фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ баланд аст. Маҳз зербоби сеюми боби 2-юм фарогири ҳамин масъала буда, дар он андешаю таҳлилҳои хуб низ анҷом дода шудааст. Агар мураттабӣ ва ташаккулёбии донишҳо тавассути ягон озмоиш собит ва нишондиҳандаҳо тариқи ҷадвал ва диаграмма қиёсан инъикос мешуданд, дар он сурат нақши алоқаи байнифаннӣ равшантар зоҳир мегардид.

4. Дар педагогикаи муосир худтаҳлилкунии фаъолият муҳим арзёбӣ мешавад. Аз ин рӯ, дар зербоби дуюми боби чоруми диссертатсия модели «Сабти рефлексивии фаъолияти таълимии хонанда» ва тарзи истифодаи он дар мисоли фанни Адабиёти тоҷик нишон дода шудааст, ки бо он таҷрибаи худи хонандагонро оид ба салоҳиятҳои зеҳнии ташаккулёфта муайян кардан мумкин аст. Агар ҳамчун намуна яке аз сабтҳоро аз фаъолияти таълимии хонандагони ягон муассисаи таълимӣ ё синфҳои озмоишӣ мушаххасан меовард, бисёр хуб мешуд.

5. Дар матни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои грамматикӣ ва имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки онҳо ислоҳ мехоҳанд.

Албатта, камбудиҳои зикргардида ба арзиши илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳеҷ халале ворид намесозанд.

**Хулоса:** Диссертатсияи Носиров Саъдулло Шукулоевич дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-дидактикии ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он Носиров Саъдулло Шукулоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 25.04.2025, №09/01, ки дар он

довталаби дарачаи илмӣ Носиров Саъдулло Шукулоевич иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Нуктаҳои асосӣ, хулоса ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 3 монография, 4 номгӯй воситаи таълимию дастурҳои илмӣ-методӣ, 37 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар мухлати муайяншуда ворид гардида, дар сомонаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ҷой дода шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони олмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Муқарриз чунин эрод гирифтааст: “Дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, аз ҷумла дар бахши *“Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия*” муаллиф аввал маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ва баъдан КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро зикр намудааст. Хуб мешуд, ки номҳои маҷаллаҳои ватанӣ дар аввал оварда шаванд. Зеро диссертатсия дар Тоҷикистон ба дифоъ меравад ва маҷаллаҳои тақризшаванда дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалият доранд”.

2. Ашурова Дилором, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психологияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Муқарриз эрод дорад, ки “Сарфи назар аз дорои мазмуни баланд будани кори диссертатсионӣ, баъзе масъалаҳо ба эътибор гирифта нашудааст. Масалан, дар диссертатсия аз корҳои илмии олимони ватанӣ дар ҷойҳои зарурӣ иқтибос камтар оварда шудааст”. Бо вуҷуди ин, мубрамии мавзуъ, диссертатсия, натиҷаю хулосаҳои он ва тавсияҳои манзуршуда барои ҷомеаи навин басо муҳим мебошанд.

3. Юлдошев Умарҷон Раҳимҷонович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони русии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино. Муқарриз эрод гирифтааст, ки “Дар баробари таҳияи хуби диссертатсия ва автореферати он, ҷо-ҷо ғалатҳои имлоӣ дар матн ба чашм мерасанд, ки ба мазмуну муҳтавои он таъсире намерасонанд”.

4. Латифзода Диловар Назришоҳ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ ва гуманитарии Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабшо Сатторов. Муқарриз қайд намудааст, ки диссертатсия ва автореферати он дар сатҳи баланд таҳия шудааст. Танҳо дар баъзе ҷумлаҳои мураккаб хатоҳои имлоӣ ва услубӣ эҳсос мешаванд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат орӣ нест.

5. Хоҷаев Қурбон Тоирович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Муқарриз эрод дорад, ки “Новобаста аз муваффақиятҳои кори таҳқиқотӣ ва арзиши баланди илмии он дар матн баъзе камбудиҳо, ба монанди ғалатҳои имлоию техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки мазмуну мундариҷаи онро коста намегардонанд”.

6. Қодиров Бахтиёр Розиқович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи фанҳои табииилмӣ ва умумитаълимии филиали Борисоглебски Донишгоҳи давлатии Воронежи Федератсияи Россия. Муқарриз чунин эроду пешниҳодҳо баён кардааст:

1. Дар автореферат такрори тасвияи («дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ») бидуни ошкор сохтани фарқи байни онҳо дар ҳар як марҳилаи таҳлил дучор меояд. Ба манфиат мебуд, агар тафовути истилоҳотии ин мафҳумҳо ва хусусиятҳои ташаккули онҳо дар давраҳои гуногуни синнусолӣ равшантар муайян карда мешуданд.

2. Сарфи назар аз ташкили дақиқи озмоиш, муаллиф бояд озмоишҳоро муфассалтар тавсиф намуда, хусусиятҳои онҳоро асоснок ва инчунин, фарқи натиҷаҳоро аз рӯйи синну сол ё гурӯҳҳои иҷтимоии хонандагон пешниҳод мекард.

7. Қӯлдошев Рустамбек Авезмуродович, доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии педагогии Бухорои Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Муқарриз эрод нагирифтааст.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос намуда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шудааст ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Носиров Саъдулло Шукулоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки автореферат мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос намуда, дар сатҳи баланди илмӣ таҳия шудааст ва ба талаботи

КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Носиров Саъдулло Шукулоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 27 феврали соли 2025, №32-ИҲ, тибқи банди 61 Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

– масъалаи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ дар шароити муосир мавриди таҳқиқи муфассал қарор гирифта, ҷанбаҳои назариявӣ-дидактикӣ ва амалии он баррасӣ ва **коркард шуданд;**

– хусусиятҳои гуногунпаҳлуи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон ҳамчун категорияҳои умумиилмӣ ва педагогию психологӣ таҳқиқ ва мушкилоти дар ин самт ҷойдошта **ошкор карда шуданд;**

– модели нави «Барномаи ташаккули мафҳумҳо», ки хусусиятҳои мафҳумҳои илмӣ ва асосии силсилафанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятиро инъикос ва барои ташаккули донишҳои зеҳнии хонандагон мусоидат мекунад, барои омӯзгорону хонандагон **таҳия ва манзур карда шуд;**

– шароити мусоидаткунандаи омӯзиш ва азхудкунии мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмӣ, хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор нисбат ба ташаккули онҳо дар хонандагон **пешниҳод гардид;**

– аз нуқтаи назари педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ проблемаи ташаккули дониш, маҳорат, малакаҳои зеҳнии хонандагон ва роҳҳои ҳалли он **асоснок карда шуданд;**

– самаранокии истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили таълим, роҳу методҳои фаъол ва интерактивии таълим дар дарсҳои фанҳои гуманитарӣ-ҷамъиятӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ нигаронида шудаанд, **собит гардид;**

– барои муайян кардани ҳамгироии педагогӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ ҳамчун раванд ва натиҷаи инкишофи тафаккур ва қобилиятҳои эҷодӣ, зимни ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон дар ҷараёни ягонаи педагогӣ **икдом гирифта шуд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқот барои назария** бо он асоснок карда шудааст, ки:

– таҳлили асосҳои назариявию методологӣ, илмию педагогӣ ва дидактикӣ анҷом дода шуда, модел (амсила)-и консептуалӣ, ки ба татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ мусоидат мекунад, **таҳия гардидааст;**

– бо назардошти вижагиҳои вазифаҳои таълим дар шароити муосир, пешрафти илму техника ва инноватсияи педагогӣ зарурати таҷдиди мақсад, мазмуну методҳои таълим ба миён омада, мубрамии мавзуъ ва муҳиммияти хосро касб намудани ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагон дар низоми таҳсилот **муайян карда шуд;**

– муассирӣ ва аҳаммиятнокии намудҳои таълим, шаклҳои гуногуни ташкили таълим, методҳои наву фаъоли таълим, фаъолияти мустақилонаи хонандагон, робитаҳои байнифаннию ҳамгироии донишҳо ва дарсҳои системавӣ, махсусан дар ҷамъбасту мураттабсозии донишҳо аз рӯйи проблемаҳои меҳварии фанни таълимӣ дар амалияи таълим **собит карда шуд;**

– дар ин замина шароитҳое, ки фарогирии мафҳумҳои илмӣ, умумӣ, мушаххас ва қонунҳои илмиро ҷиҳати васеъ гардонидани доираи назар ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон таъмин месозанд, дар шакли барнома **таҳия карда шуд;**

– тарзҳои таҳлили илмӣ-методии дарс дар асоси талаботи татбиқи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон, аҳаммияти иштирок ба дарсҳо муқаррар ва ба роҳбарияти мактабҳо, иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва омӯзгорон **манзур карда шуданд**;

– истифодаи маводи таҳқиқотии мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷҳои педагогӣ барои омодасозии кадрҳои илмию омӯзгорӣ ва дар муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф **мувофиқи мақсад аст;**

– тавсияҳои илмию методӣ ва дастуру раҳнамои таҳия ва пешниҳодшуда дар ғанӣ гардонидани тасаввурот ва васеъ гардонидани доираи назару ақидаҳо, ҷаҳонбинии илмӣ, донишҳои педагогию психологӣ ва дидактикию методии омӯзгорон, муҳаққиқон, аспирантону магистрантон ва унвонҷӯён роҷеъ ба масъалаи мавриди назар метавонад **нақши муассир гузорад;**

– нишондодҳои методӣ, маҷмуаҳои илмӣ ва дастуру монографияҳои илмии таълиф ва пешниҳодшуда доир ба ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон ҷиҳати ташкили раванди самараноки таълим ва пешгирии тарафҳои манфии таълим метавонанд ҳамчун раҳнамо ба омӯзгорон **ёрӣ расонанд.**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

– ба омӯзишу таҳлили осори илмии маҳз олимони дидактики ватанию хориҷӣ ҷиҳати босифат ва беҳтаргардонии раванди таълим **таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад;**

– дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷиҳати татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон шароити мусоиди педагогӣ **фароҳам мегардад;**

– барномаҳои таълимии фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ бо назардошти талаботи татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои

зеҳнии хонандагон дар шароити нави таҳсилоти муосир **таҷдиди назар карда мешаванд;**

– дар дарсҳои силсилаи фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ ба омӯзиши назарияҳо, қоидаҳо, ғояҳо ва мафҳуму қонунҳои илмӣ диққати зарурӣ зоҳир намуда, хусусият, сабабу омилҳо ва натиҷаҳои рӯйдоду ҳодисаҳои таърихӣ, ҳуқуқӣ ва корнамоиҳои қаҳрамонҳои асарҳои бадеӣ мавриди шарҳу тавзеҳ ва **таҳлили амиқ қарор мегиранд;**

– дар доираи ташкили дарсҳои ҷамъбастӣ, семинару конфронсҳои таълимӣ ва дигар шаклҳои гуногуни таълим масъалаҳои марбут ба ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагон **ба нақша гирифта мешавад;**

– дар раванди тадрис аз шаклу методҳои инноватсионӣ, интерактивии таълим ва проблемавӣ-ҷустуҷӯӣ, ки талаботи дарси муосир аст, **истифода бурда мешавад;**

– барои рафъи камбудию норасоиҳои дар донишҳо пайдогардида, сари вақт пешгирии онҳо, мураттабсозии донишу маҳорат ва малакаҳои ҳосилшуда дарсҳои алоҳида **ташкил мегардад;**

– ҷиҳати омӯзонидани паҳлуҳои нозуки таълим, додани тавсияҳои зарурӣ, роҳҳои афзудани майлу рағбат ва муносибати шогирдон ба омӯзиши фанҳо дар мактаб консилиуми педагогӣ ва ҷалби муҳаққиқону олимони соҳаи педагогикаю психология ва дидактикаю методика **ба роҳ монда мешавад;**

– технологияҳо, шароитҳои ташаккули донишу маҳорату малакаҳо, қобилиятҳои зеҳнию эҷодии хонандагон ва роҳу усулҳои нави татбиқи он дар амалияи таълим мавриди омӯзиш **қарор мегиранд;**

– дар шакли намуна "Модули таҳлили илмӣ-методии дарс" тибқи талаботи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон ба маъмурият, роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва омӯзгорон дастрас ва назорати иҷрои нақшаи иштирок ба дарсҳо ва таҳлили воқеии онҳо **пурзӯр карда мешавад;**

– омӯзиши амиқи талаботи татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон дар заминаи тамоми фанҳои мактабӣ дар шароити таҳсилоти муосир дар барнома ва нақшаҳои омӯзишии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф **ҷой дода мешавад;**

– назарияҳои методологӣ, илмӣ-амалӣ, дидактикию методӣ ва моделҳои таҳиягардидаи шароитҳои татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагон, ҳамчунин, натиҷаҳои бадастомадаи озмоишҳоро ба асос гирифта, таҳқиқи проблемаи мазкур дар доираи фанҳои дигари таълимии муассисаҳои таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо **идома меёбад.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки** дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти

диссертатсионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

– муайян намудани асосҳои назариявӣ-дидактикӣ ва методӣ татбиқи ташаккули дониш ва маҳорату малакаҳои зеҳнии хонандагонро дар раванди таълими силсилаи фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар шароити муосири муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **таъмин менамояд;**

– таҳияи "Барномаи ташаккули мафҳумҳо" ва омӯзиши қонуну қонуниятҳои илмӣ дар болоравии сатҳи дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ ва васеъгардонии доираи ҷаҳонбинии илмии хонандагон **нақши муҳим мебозад;**

– таҳлили хусусиятҳои мафҳумҳо, раванди азхудкунии онҳо, хусусиятҳои фаъолияти омӯзгор вобаста ба ташаккули мафҳумҳо дар хонандагон ва озмоишҳои махсус анҷомдодашуда ҷиҳати муайян сохтани шароити асосии азхудкунии босамари мафҳумҳо **имкон фароҳам меорад;**

– ҷойгоҳи системаи дарсҳо аз рӯйи боб ва мавзуъҳои калонҳаҷм ва муассирии нақши он дар тадриси дарсҳои фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ **собит мегардад;**

– роҳу тарзҳои ташкили оқилонаи раванди таълим бо назардошти талаботи принсипҳои дидактикии таълим омили самаранокгардонии фаъолияти маърифатии хонандагон **арзёбӣ мешавад;**

– интихоби муносиби шаклу методҳои фаъол ва интерактивии таълим, истифодаи усулҳои проблемагузорӣ фаъолияти маърифатӣ ва эҷодию ҷустуҷӯии хонандагонро дар дарсҳои фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ **таъмин месозад;**

– нақши алоқаҳои байнифаннӣ ва донишҳои ҳамгироии маҳз силсилафанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар инкишофи салоҳиятҳои зеҳнӣ ва ҷаҳонбинии илмии хонандагон **муайян мегардад;**

– муайян намудани мақсаду вазифаҳои дарс, шарҳу тавзеҳи ғояҳо ва назарияҳои илмӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи маводи таълимӣ бо нуктаи назарҳои гуногун дар таъмини сарфаҳм ва идроки амиқи мавзуъ **нақш мегузорад;**

– ташкили корҳои мустақилона, тадриҷан мураккабтар гардонидани вазифаҳои маърифатӣ, эътирофи нуктаҳои дурусти назар ва озодандешӣ дар болоравии сатҳи фаъолнокӣ ва мустақилияти хатмкунандагон замина **фароҳам меорад;**

– нақши истифодаи шаклҳои гуногуни ташкили таълим ва корҳои беруназзсинфию берунмактабӣ дар татбиқи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хатмкунандагон назаррас **арзёбӣ мегардад;**

– таҳияи модули нави “Низоми ташкили самараноки раванди таълим” ва “Низоми тадбирҳои пешгирии тарафҳои манфии таълим” ҳамчун дастури «Раҳнамои омӯзгор» ҷиҳати рафъи камбудию норасоиҳои донишҳои мунтазам пайдошуда, пешгирии саривақтии онҳо ва мубориза бо донишҳои номураттаб **коромад мегардад;**

– тарзҳои таҳлили илмӣ-методии дарс вобаста ба талаботи татбиқи ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон, иштирок ба дарс ва таҳлили воқеии он барои роҳбарияти мактабҳо, иттиҳодияҳои методии фаннӣ ва омӯзгорон **аҳаммиятнок ба шумор меравад;**

– аҳаммиятнокии фанни таълимӣ, роҳҳои афзунгардонии майлу рағбат ба он ва вобаста ба интихоби касбу ҳаёти иҷтимоӣ хусусиятҳои синнусолии тағйирёбандаи муносибати хатмкунандагон нисбат ба омӯзишу коромад гардидани донишҳо дар фаъолияти имрӯзаю минбаъда **нишонрас мегардад;**

– баэътиборгирии хусусиятҳои фардию психологӣ, дараҷаи тамоилҳои имконпазири воқеии таълимии хонандагон ва муносибати онҳо ба омӯзиши фанҳо дар таъмини фаъолияти бомуваффақияти омӯзгорон **нақш мегузорад;**

– донишҳои зарурии педагогию психологӣ, дидактикию методӣ ва донишҳои фаннии омӯзгорон монеаи таъмини хушсифату бобарори раванди таълим, азхудкунии дониш, инкишофи маҳорату малакаҳои зеҳнӣ, қобилиятҳои эҷодӣ ва тафаккури созандаи хонандагонро **аз байн мебарад;**

– дар асоси тарҳи “Системаи дарси босамар” банақшагирии ҷараёни дарс, сабабҳои махсуси қафомонию нокомӣ пешгирӣ ва натиҷаҳои назаррас ва ҳаракату пешравиҳои хонандагон **таъмин мегардад;**

– натиҷаҳои таҳқиқот ва муҳтавои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълим, шуроҳои илмӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ дар шакли маърӯзаи илмӣ ироа ва **пешниҳоду муҳокима гардиданд;**

– маводи диссертатсия дар Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» ва ҷаласаҳои шуроҳои иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муҳокима ва **мавриди тасвибу озмоиш қарор гирифтанд;**

– маводи таҳқиқоти анҷомёфта дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгорӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии самти педагогӣ, шуъбаҳои омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳаи маориф метавонанд **мавриди истифода қарор гиранд;**

– муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаю тавсияҳои методӣ дар шакли мақолаю дастурҳои илмӣ-методӣ, инчунин, монографияи илмӣ таълиф ва барои доираи васеи омӯзгорону хонандагон ва мутахассисони соҳа **дастрас мегарданд.**

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ инъикос меёбад:**

– **иштироки бевосита**и муаллиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

– **ҷамъоварии маводи зарурӣ барои таҳияи рисола**, аз он ҷумла коркарди методологияи ҷамъ овардани фактҳо, методи коркарди натиҷаҳо ва арзёбӣ намудани сатҳи дурусту кофии кор ҷиҳати ба анҷом расонидани диссертатсия;

– **ба табъ расонидани мақолаҳои илмӣ** дар нашрияҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА тавсияшуда; мавҷудияти мақолаҳои илмӣ дар маводи конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳои гуногун;

– **иҷрои корҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ** аз рӯйи мавзуи таҳқиқотӣ, ки дар қисми хотимавӣ механизми аз тарафи муаллиф коркардашудаи ҳалли мушкилоти омӯхташуда, баҳодиҳии пешакӣ ва вариантҳои рушди объекти тадқиқшаванда ва чорабиниҳои дурнамо, ки барои афзун гардидани самаранокии амалкунии он ва ғайра мусоидат мекунанд;

– **омодасозии матни ниҳоии бобҳои диссертатсия,** ки қисми амалии он ҳатман таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи ҳолати ҷории мавзуи таҳқиқшавандаро бо истифодаи усулҳои замонавии коркард фаро гирифта, маълумотҳоро тавассути технологияҳои компютерӣ шарҳу тавзеҳ дода, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ба расмият дароварда шудаанд;

– **пешниҳоди таҳқиқоти диссертатсионӣ барои баррасӣ ва муҳокима** ба шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Инчунин, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар он аст, ки аз ҷониби ӯ татбиқи педагогии таъмини ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва тавсияву дастурҳои методӣ пешниҳод карда шуданд. Дар қисми озмоишии таҳқиқот шаклу

усулҳои самараноки татбиқи педагогӣ ва дидактикии таъмини ташаккули салоҳиятҳои зеҳнии хонандагон муайян гардиданд.

Барои доир намудани таҳқиқот роҷеъ ба татбиқи педагогии таъмини ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ методикаи гузаронидани таҳқиқот таҳия шуда, аз рӯйи натиҷаҳои он хулосаҳои мувофиқ ва зарурӣ бароварда шудаанд.

Муҳаққиқ дар асоси омӯзиши тӯлонӣ ва таҳқиқи алоҳидаю ҳамаҷонибаи педагогӣ асару мақолаҳои илмӣ, дастурҳои илмию методӣ ва ниҳоят, диссертатсия оид ба масъалаи назариявию дидактикии ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнии хонандагони синфҳои болоӣ дар заминаи фанҳои гуманитарию ҷамъиятӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи нашр овардааст, ки барои педагогикаи ватанӣ дастоварди муҳим арзёбӣ мешавад.

Дар маҷлис аз 3 июни соли 2025, №66 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Носиров Саъдулло Шукулоевич ба дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 10 нафар, муқобили – нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ Муҳиддинзода Бахриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 03.06.2025

Мухри муассисае, ки дар заминаи он шурои диссертатсионӣ таъсис дода шудааст.